Замима
Бо Фармоиши директори
Агентии Тоҷикстандарт
**№03 ф/а аз «08» 01 соли 2018**
тасдиқ шудааст.

**Нақшаи чорабиниҳои**
**Агентии стандартизатсия, метрология,**
**сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018**
**оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017**
**«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд.**

| №б/т | Номгӯи чорабиниҳо | Мӯҳлат | Мақсад (натиҷа)-и дарназардошта | Масъулин |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дар Агентии Тоҷикстандарт ва марказҳои зертобеи он мавриди омӯзишу баҳрабардорӣ ва дар фаъолияти корӣ дастури амалиёт қарор додани «Паёми-2017» | 09 январи соли 2018 | Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандон ва дар ин самт бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта | Сардори Раёсати таъминоти метрологӣ Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ,роҳбарони марказҳои зертобеи Агентӣ |
| 2 | Иҷрои саривақтии стратегия ва барномаҳои ҳукуматӣ тибқи нақшаи чорабиниҳои қабулгардида | дар мӯҳлатҳои муқарраргардида | Ҷиҳати амалисозии талаботи стратегия ва барномаҳои ҳукуматӣ | Сардорони раёсату шуъбаҳо, роҳбарони марказҳои зертобеи Агентӣ |
| 3 | Ҷиҳати иҷрои нақшаи дохилиидоравии Агентии Тоҷикстандарт барои солҳои 2017-2018 доир ба амалишавии «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои | дар мӯҳлатҳои муқарраргардида тибқи нақша | Пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати таълиму тарбияи ҷавонон бо мақсади пешгирии шомилшавии онҳо ба ҳаракатҳои тундрав | Муовини якуми директор Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | солҳои 2016-2020» | | | |
| 4 | Баргузор намудани чорабиниҳои омӯзишӣ дар самти амалисозии қабули Қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028»» | Соли 2018 | Бо мақсади амалисозии ташаббуси нави глобалии Тоҷикистон Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028» | Сардорони раёсату шуъбаҳо |
| 5 | Таъмини иҷрои бандҳои дахлдори «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» | Доимӣ | Ичрои саривақтии Стратегияи мазкур | Сардори шуъбаи иқтисод ва банақшагирӣ |
| 6 | Баланд бардоштани самаранокӣ ва қобилияти рақобати иқтидорҳо, идома додани ислоҳоти соҳаҳои иқтисоди миллӣ, таҳлили натиҷаи амалишавии барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва сафарбар намудани имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати сифатнок амалӣ гардонидани он | Соли 2018 | Иҷрои Барномаи мазкур | Сардори шуъбаи иқтисод ва банақшагирӣ |
| 7 | Ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо Агентии омор ҷиҳати ҷорӣ намудани механизми ҷамъоварии маълумот | Доимӣ | Таъмини шаффофият дар пешбурди фаъолияти корӣ | Сардори шуъбаи иқтисод ва банақшагирӣ |
| 8 | Бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ давоми ду соли минбаъда эълон гардидани мораторий ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ, пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ин самт | Солҳои 2018 | Фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ | Сардорони раёсату шуъбаҳои Агентии Тоҷикстандарт ва роҳбарони марказҳои зертобеи он |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | Пешгирии ворид намудани маҳсулоти пастсифати ғизоӣ ва бозичаҳо ба бозорҳои истеъмолии кишвар аз ҷониби соҳибкорону тоҷирон, пешбурди корҳои фаҳмондадихӣ, семинару машваратҳо бо соҳибкорон, тоҷирон дар ин самт | Доимӣ бо пешниҳоди ҳисоботи ҳар моҳа | Таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти босифат ва ба талаботи стандарт ҷавобгӯ буда | Сардори Нозироти савдо Сардори Раёсати бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ |
| 10 | Бо мақсади дастрасии шаҳрвандон ба ғизои хушсифат ва риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор таҳия намудани лоиҳаи «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ» | То моҳи марти соли 2018 | Таъмини истеъмолкунандагон бо маҳсулоти хушсифат | Сардори Раёсати бамеъёрдарории техникӣ ва стандартонӣ дар якҷоягӣ бо сардорони раёсату шуъбаҳо |
| 11 | Риояи қатъии меъёрҳои амалкунанда бо истифодаи технологияи ҷавобгӯи стандартҳои муосир оид ба нигоҳдории маҳсулоти гӯштӣ аз ҷониби соҳибкорон | Доимӣ, бо пешниҳоди ҳисоботи хармоҳа | Риояи меъёрҳои амалкунанда | Муовинони директор, Сардорони раёсату шуъбаҳо |
| 12 | Таҳия намудани нақшаи чорабиниҳо бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон кардани соли 2018 | Моҳи январи соли 2018 | Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ | Муовини директор Вализода И. Раёсати баҳодиҳии мутобиқат, шуъбаи сертификатсиякунонӣ ва шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ |
| 13 | Такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳаи сайёҳӣ ва дар якҷоягӣ бо вазорату | То моҳи марти соли 2018 | Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ | Сардори шуъбаи сертификатсиякунонӣ ва |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | идораҳои дахлдор таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод кардани лоиҳаи «Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030» | | | шаҳодатномадиҳии кору хизматрасонӣ |
| 14 | Идома додани тадбирҳо дар самти самаранокӣ ва такмили низоми идоракунии давлатӣ, тарҳрезӣ ва амалӣ намудани асосҳои банақшагирии стратегӣ дар сатҳи марказӣ ва маҳаллии идоракунӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ | Доимӣ | Пешбурди фаъолияти корӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ | Муовинони директор, Сардорони раёсату шуъбаҳо |
| 15 | Андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати таъмини риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Доимӣ, бо пешниҳоди ҳисобот ҳар семоҳа | Бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарарӣ ҷиддӣ мерасонад | Муовини якуми директор Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ |
| 16 | Ҷорачӯӣ намудан ҷиҳати интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо тавассути озмун, тоза кардани сафи мақомоту сохторҳо аз шахсони тасодуфӣ, риояи қатъии Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии усулҳои муосири назорати дохилӣ | Доимӣ | Ҷиҳати таъмини Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Комиссия оид ба одоби хизматчии давлатӣ дар Агентии Тоҷикстандарт |
| 17 | Сафарбар намудани саъйю кӯшишҳо ба хотири ҳифзи сулҳу | Доимӣ | Таъмини талаботи қонунҳои амалкунандаи | Сардорони раёсату шуъбаҳо дар якҷоягӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, ноил гардидан ба иҷрои ҳадафҳои стратегии кишвар-таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ аз гумбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолии мамлакат ба ғизоӣ хушсифат | | Ҷумҳурии Тоҷикистон ва расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар | бо вазорату идораҳои дахлдор |
| 18 | Бо мақсади омодагии ҳамаҷониба ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба роҳ мондани тарғиби васеи моҳияти Истиқлолият ва озодӣ, соҳибватаниву соҳибдавлатӣ, арзишҳои неки миллӣ, бунёд намудани иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳанг, муассисаҳои иҷтимоӣ, роҳҳо, корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, ободу зебо гардонидани маҳалли зист, хиёбонҳо, гулгашту майдонҳо ва анҷом додани корҳои дигари созандагӣ | Доимӣ, бо пешниҳоди ҳисобот ҳар ним сола | Таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Муовинони директор, Сардори раёсати корҳо ва ҳуқуқ |
| 19 | Пурзӯр намудани назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва гузаронидани чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ бо кормандон | Доимӣ | Таъмини талаботи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Муовинони директор, Сармуҳосиб Мирзоев З., Сардорони раёсату шуъбаҳо. Роҳбарони |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | марказҳои зертобеи Агентӣ |
| 20 | Пешниҳод намудани ахборот ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи корҳои иҷрошуда | Доимӣ | Ҷамъбасти натиҷаи корҳои анҷомдодашуда | Сардорони раёсату шуъбаҳо, Роҳбарони марказҳои зертобеи Агентӣ. |